# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва нақд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.0103 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Америко ва Австралия (адабиёти форсӣ).**

Раванди истиқлоли Тоҷикистон тақозо мекунад, ки муносибатҳои байналмилалӣ ва равобити ҳасанаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ миёни давлатҳо рушд кунад. Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ яке аз шариконии стратегии давлати мо Федератсияи Русия ба шумор меравад. Дар баробари татбиқи сиёсатҳои созанда миёни ду кишвар, инчунин густариши робитаҳои илмиву адабӣ дар сатҳи матлуб ба роҳ монда шудааст. Агар онро ба таъбири илмӣ баён дорем, равобити миёни кишварҳои мо ба тамоюли муҳимми рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамшарикии устувор табдил ёфтааст. Хусусан, рӯйи кор омадани чандин таълифоти илмӣ ва ба дифоъ расидани рисолаҳои илмии номзадӣ ва докторӣ роҷеъ ба равобити адабии халқҳои мо гувоҳи он аст, ки дар ин арса пешравиҳои назаррас дида мешаванд. Зикри ин нукта муҳим аст, ки шарқшиносон ва адабиётшиносони рус дар муаррифии адабиёти ғании форсии тоҷикӣ, бавижа дар таҳқиқ, баррасӣ, тарҷума ва нашри мероси адабии мо аз авохири асри XVIII то кунун нақши бориз ва назаррас доранд.

Рисолаи номзадии Алиев Султон Маҳмадшарифович ба яке аз фидоиёни илми ховаршиносии рус, донишманди барҷаста Валентин Алексеевич Жуковский марбут аст, ки саҳми ӯ дар таҳқиқ ва тарҷумаи адабиёти форсӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Чунончи аз муҳтавои автореферати диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва нақд» маълум мешавад, ки он ба мавзуи муҳими равобити адабӣ бахшида шудааст.

Рисола ба ҷуз аз бахшҳои муқаддима ва хулоса, аз се боб, 9 фасл ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар боби аввал, ки "Зиндагинома ва осори В. А. Жуковский" ном дорад, диссертант бо далоили илмӣ ва бо такя ба сарчашмаҳои муътамад бисёр паҳлуҳои номакшуфи рӯзгору В. А. Жуковскийро, ки мутаассифона то имрӯз таълифоти ӯ ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст, мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки як саҳифаи тоза дар илм мебошад.

Муаллиф талош кардааст, ки сабабҳои то имрӯз мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтани асарҳои олимро то андозае равшан намояд.

Боби дувуми рисола "Масъалаҳои таърихи адабиёти форсу тоҷик дар баррасии "В. А. Жуковский" ном дошта, диссертант таҳқиқоти мавсуфро доир ба Алӣ Авҳадуддин Анварӣ, Умари Хайём, адабиёти давраи Сомониён, адабиёти сӯфия ва намояндагони он Абдуллоҳи Ансорӣ, Бобо Тоҳири Урён, Абусаиди Абулхайр мавриди нақду баррасӣ қарор дода, бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро ба анҷом расонидааст.

Боби севуми диссертатсия зери унвони "Саҳми В. А. Жуковский дар ҷамъоварӣ ва таҳқиқи маводи осори шифоҳии мардуми эронӣ" омада, дар он таҳқиқи мушкилаҳои марбут ба гирдоварӣ, тасниф ва таҳқиқи осори шифоҳӣ, масъалаҳои адабиёт дар пажуҳишҳои таърихшиносӣ ва ниҳоят асарҳои забоншиносӣ ва хусусан лаҳҷаҳои бахтиёрӣ, чаҳорланг, ҳафтланг, лурӣ ва курдӣ баррасӣ шудаанд, ки дар илми адабиётшиносии муосири тоҷик нав мебошанд.

Таҳқиқи анҷомёфта ва дастовардҳои илмии онро дар баррасии масоили назарӣ ва адабиётшиносии алоқаманд ба таълифоти илмии В. А, Жуковский, дар омӯзишу пажӯҳиши равобити адабию илмии тоҷику рус метавон мавриди корбаст қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ дар шинохт ва баррасии осори тарҷумаи адабиёти сӯфия ва таъини арзиши ҳунарию бадеии он маводи муфид хоҳад дод.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки диссертант дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои пайгиронаи илмӣ тавонистааст, дар бораи зиндагинома ва осори илмии В. А. Жуковский рисолаи хуби илмӣ таълиф намояд. Бо вуҷуди ин дастовардҳо дар рисола баъзе норасоиҳо дида мешавад, ки агар онҳо ислоҳ шаванд, ҳусни кор афзун мегардад:

1. Боби сеюм, бояд аз се фасл иборат бошад. Муаллиф пас аз овардани номи боб ба масъалаҳои адабиёти шифоҳӣ, ки В. А. Жуковский ҷамъоварӣ ва нашр кардааст, мепардозад, вале овардани номи онро фаромӯш намудааст. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ин ғалат ислоҳ гардад.

2. Азбаски китоби В. А. Жуковский "Сарфу наҳви мухтасари забони нави форсӣ" (ҳаммуаллифӣ бо К. Г. Залеман) яке аз китобҳои маъруфи грамматикаи забони форсӣ мебошад, муаллифи рисоларо салоҳ будӣ арзиши илмӣ ва таълимии онро бештар таҳқиқ кунад ва агар имкон медошт тарҷумаи ин дастури муфиди омӯзиши забони форсиро, ки имрӯз ҳам аҳаммияти худро ҳифз карда меояд, анҷом медод.

Умуман, **авторефарати диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва нақд» ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёти дараҷаи илмии номзади имҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.0103 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) мебошад.**

**Муқарриз: Номзади илмҳои филологӣ,**

**Мудири кафедраи забон ва адабиёти**

**тоҷики Донишкдаи омӯзгории Тоҷикистон**

**дар шаҳри Панҷакент** Мизроб Ғаффоров

**Суроға: 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 106,**
**Тел.: (+992 3475) 5 40 50, 5 32 69,**
**E-mail** tou@bk.ru; tou@dotpanj.tj; mizrob66@mail.ru

Имзои н.и.ф., Ғаффоров М.-ро **тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳои
Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар
шаҳри Панҷакент Қурбонов М.Л.

**17.05.2024**